# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-001 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Муродзода Муҳсин Муқим дар мавзуи “Масоили таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон: ҷанбаи сиёсӣ-иҷтимоӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешниҳод шудааст

1. Мавзуи кори диссертатсионии Муродзода Муҳсин Муқим ба таҳқиқи масъалаҳои сиёсати миллӣ ва инкишофи худшиносии ҷавонон бахшида шудааст. Он яке аз масъалаҳои муҳими таҳқиқотӣ ба шумор рафта, дар шароити ҳозира дорои аҳамияти баланди илмию назариявӣ ва сиёсию амалӣ мебошад. Нуқтаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шуданд, ки онҳо дар низоми донишҳои сиёсӣ ва иҷтимоии замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои муаллиф барои муайян кардани ҳолатҳо ва махсусиятҳои инкишофи муносибатҳои миллӣ ва авҷи ҳувияти миллии ҷавонон дар шароити Тоҷикистон мусоидат менамоянд.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳое мебошад, ки ба раванди ташаккул ва инкишофи ҳувияти миллии ҷавонон дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон пайвасти ногусастанӣ ва қавӣ доранд. Кори диссертатсионӣ аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуқтаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 23.00.02. – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2021, таҳти №311/01шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017, таҳти №5\2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**4.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 6 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 маърӯза дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд ва ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзуи рисолаи илмӣ бевосита пайвастанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошанд.

**5.** Дар таҳқиқоти диссертатсионии Муродзода Муҳсин Муқим истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

**6.** Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Муродзода Муҳсин Муқим маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд нест.

Банди 53-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд: Диссертатсияи Муродзода Муҳсин Муқим дар мавзуи “Масоили таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон: ҷанбаи сиёсӣ-иҷтимоӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-001–и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳимоя қабул карда шавад.

1. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:
   - доктори илмҳои фалсафа Фаттоҳзода С. С.;
   - номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Абдулҳақов М.М.
2. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ таъйин карда шавад.
3. Барои нашри эълон, ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои сиёсӣ Саидов Ҳ.

Аъзои комиссия:
доктори илмҳои фалсафа Шамолов А.А.

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Назаров А.Қ.